## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

### Дар бораи Тартиб ва ҳаҷми ихтиёран супоридани андози иҷтимоӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷири меҳнатӣ мебошанд

Мутобиқи қисми 4 моддаи 328 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиб ва ҳаҷми ихтиёран супоридани андози иҷтимоӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷири меҳнатӣ мебошанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии андози иҷтимоии ихтиёран аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ пардохтшуда ва нафақаи ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшавандаро тибқи тартиби муқарраргардида ба амал бароранд.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, аз 28 феврали соли 2025, № 118

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2025, №118
тасдиқ шудааст

## Тартиб ва ҳаҷми
## ихтиёран супоридани андози иҷтимоӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷири меҳнатӣ мебошанд

1. Тартиб ва ҳаҷми ихтиёран супоридани андози иҷтимоӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд (минбаъд - Тартиби мазкур), ҳаҷм ва тартиби аз ҷониби муҳоҷири меҳнатӣ, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ихтиёран пардохт намудани андози иҷтимоиро муқаррар менамояд.

2. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷири меҳнатӣ мебошанд, барои ихтиёран супоридани андози иҷтимоӣ ба мақомоти андози маҳаллӣ зисти доимиашон тавассути утоқи шахсии андозсупоранда дар низоми ҳамгироии иттилоотии андоз ва (ё) замимаи мобилии «Андози ман» ариза оид ба ихтиёран супоридани андози иҷтимоӣ тибқи шакли замимаи Тартиби мазкур пешниҳод менамоянд.

3. Дар асоси аризаи пешниҳодшуда муҳоҷири меҳнатӣ дар реҷаи мустақим (онлайн) ба сифати ихтиёран супорандаи андози иҷтимоӣ ба қайд гирифта шуда, бо рақами иҷтимоии суғуртавии ройгон таъмин карда мешавад, агар қаблан бо рақами иҷтимоии суғуртавӣ таъмин нашуда бошад.

4. Мақомоти андоз мутобиқи талаботи моддаи 106 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии андози иҷтимоии ихтиёран пардохтшудаи муҳоҷири меҳнатиро дар ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда таъмин карда, маълумоти дахлдорро ба мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ирсол менамояд.

5. Андозаи ихтиёран пардохтнамудаи андози иҷтимоӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷири меҳнатӣ мебошанд, барои як моҳи тақвимӣ на камтар аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад.

6. Андози иҷтимоии ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатӣ танҳо тавассути воситаҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳар моҳ (ё семоҳа, шашмоҳа ва ҳар сол) пардохт карда мешавад.

7. Нафақаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз маблағи саҳмҳои суғуртаи иҷтимоии ба мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ пардохтнамуда мутобиқ ба муқаррароти моддаи 82 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳисоб карда мешавад.

8. Аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷири меҳнатӣ мебошанд ва тибқи Тартиби мазкур андози иҷтимоиро ихтиёран пардохт менамоянд, пешниҳод кардани эъломияи андоз талаб карда намешавад.